# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асоев Сайёд Эмомалиевич дар мавзуи "Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ - пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод гардидааст.

Олимон дар саросари ҷаҳон хосиятҳои нодири аминокислотаҳо ва пептидҳоро дар таҳқиқоти илмӣ истифода бурда, дурнамои бузургеро дар соҳаи саноати инноватсионӣ муайян мекунанд. Солҳои охир ҳосилаҳои аминокислотагӣ - пептидӣ таваҷҷуҳи рӯзафзуни олимонро дар соҳаҳои биология, химия ва тиб ҷалб намудаанд. Гуногунии сохторӣ ва чандирии конформатсионии пептидҳо имкон медиҳад, ки онҳо барои ҳадафҳои гуногун истифода бурда шаванд. Илова бар ин, шумораи тадқиқотҳо оид ба таъсири аминокислотаҳо ва пептидҳо, ки дар равандҳои муҳими биологӣ иштирок мекунанд, пайваста афзоиш меёбад. Растаниҳо ба як қатор омилҳои ҷиддии стрессҳои абиотикӣ, аз ҷумла тағйироти ҳарорат, шӯршавии аз ҳад зиёд, хушксолӣ, обхезӣ, ҳузури металлҳои вазнини заҳрнок дар хок ва камбуди моддаҳои ғизоии муҳим, ки барои нигоҳ доштани ҳаёти растанӣ заруранд, дучор мешаванд. Ин омилҳо метавонанд, ба вазифаҳои физиологии растаниҳо таъсири манфӣ расонанд, қобилияти онҳоро барои ба вуҷуд овардани вокунишҳои масуниятӣ ё стресс коҳиш диҳанд ва дар натиҷа ҳам ҳосили умумӣ ва ҳам сифати растаниро ба таври назаррас паст кунанд.

Автореферати диссертатсияи Асоев С.Э. дар мавзуи "Таъсири ҳосилаҳои аминокислотагӣ- пептидии глитсерин ба нумӯ ва энергияи сабзиши тухми гандум (*Triticum* L.)", ба яке аз самтҳои муҳим ва актуалии илми муосир – омӯзиш ва таъсири ҳосилаҳои глитсерин ба афзоиши энергияи тухмиҳои гандуми навъҳои «Наврӯз» ва «Ватан» ва фаъолнокии биологии онҳо – бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз маҷмӯи усулҳои муосири таҳлилӣ, аз ҷумла усуслҳои химиявӣ - биохимиявӣ: ИС-, масс- спектроскопия ва таҳлили хроматографияҳои маҳинқабат ва баландэфект тадқиқоти амиқ ва муфассалро анҷом додааст.

Навоварии илмии кор дар он аст, ки таъсири маводи ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсеринро ба нишондиҳандаҳои химиявию морфофизиологӣ, аз ҷумла ба энергияи сабзиши тухмиҳо, қобилияти нешзанӣ ва суръатбахшӣ, ба қадкашии растаниҳо омӯхта аст. Муайян карда шудаст, ки таъсири афзоишидоракунандагии моддаҳои таҳқиқшуда

на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз мавҷудияти аминокислотаҳои алифатӣ, ароматӣ ва гетеросиклии таркиби глитсерин низ вобаста аст. Таъсири маводи ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин сабаби зуд неш задани тухмиҳо мегардад. Хусусиятҳои стимуляторӣ ва ингибитории ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин ба энергияи сабзиш ва қобилияти сабзиши тухмиҳо низ ошкор карда шудааст. Инчунин пигментҳои фотосинтетикӣ дар майсаҳои гандум баъд аз коркарди тухмӣ бо ҳосилаҳои аминокислотагию пептидии глитсерин муайян карда шуданд.

Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ, инчунин дараҷаи баланди иҷрои корҳои таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳо, автореферати Асоев С.Э. ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои химия, дотсент,
ходими пешбари илмии озмоишгоҳи
"Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ"-и
Институти химияи ба номи В.И. Никитини
АМИТ — Шаропов Ф. С.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Теппаҳои шарқӣ,
Минтақаи 2, хонаи 236,
Тел: +992939950370
E-mail: farukhsharopov@gmail.com

Имзои Шаропов Ф.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти химияи ба номи В.И. Никитини
АМИТ — Раҳимова Ф.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2
E-mail: info@chemisrty.tj

"25" 08 соли 2025